**Протоколи №6**

Ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D КОА-026

27 августи соли 2020 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 17 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 феврали соли 2020, №28 тасдиқ шудааст, 14 нафар иштирок доштанд, аз онҳо 9 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Таклиф аст, ки ҷаласаи шӯро кушода шавад, таклифи дигар нест? Якдилона қабул шуд.

**РӮЗНОМА:**

1. Ба ҳимоя қабул кардани диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо дар мавзӯи «Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таъсири он дар таснифоти муосири илм», ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03- Таърихи фалсафа.

**Раис:** Муҳтарам аъзоёни шӯрои диссертатсионӣ 21 сентябри соли 2019 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ комиссияи ташхис барои омода намудани хулоса оид ба мувофиқати мавзӯъ ва муҳтавои диссертатсияи доктории Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо «Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таъсири он дар таснифоти муосири илм», ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа, ташкил карда шуда буд.

Ҳоло сухан ба раиси комиссияи ташхис доктори илмҳои фалсафа Назариев Р. З. дода мешавад.

Раиси комиссия хулосаро муаррифӣ мекунад.

Раиси комиссияи ташхис Назариев Р.З., аъзои комиссияи ташхисӣ Қодиров К, Раҳимов С.Х., (Хулосаи комиссияи ташхис мавҷуд аст), инчунин аъзоёни шӯрои диссертатсионӣ оид ба масъалаи мазкур баромад намуданд.

**Раис:** Ба Раиси комиссия савол доред? Нест. Акнун моро зарур аст, ки хулосаи коммисияро тасдиқ кунем. Кӣ тарафдори хулосаи мазкур аст, хоҳиш менамоям овоз диҳад. Тарафдор - 14, зид – нест, бетараф - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раис.** Тибқи “Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ шудааст, мо бояд муқарризони расмӣ, муассисаи тақриздиҳанда, санаи ҳимояро таъйин намоем ва барои нашри автореферат розигӣ диҳем.

**Раис.** Руйхати муқаризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳандаро мехонад.

Шӯрои диссертатсионӣ фикру андешаҳои аъзоёни шӯроро муҳокима намуда, шунида,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо дар мавзӯи «Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таъсири он дар таснифоти муосири илм», ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03.- Таърихи фалсафа ба ҳимоя иҷозат дода шавад.

2. Муққаризони расмӣ

-Доктори илмҳои фалсафа, профессор Раҳимов М.

-Доктори илмҳои фалсафа, дотсент Атоев А. М.

-Доктори илмҳои фалсафа, профессор Самиев Б.Ҷ. таъйин карда шавад.

3. Муассисаи тақриздиҳанда: Донишгоҳи давлатии ш. Кулоб ба номи А. Рудакӣ.

4. Рӯзи ҳимоя 03 декабри соли 2020 муайян карда шавад.

5. Барои интишор намудани эълони ҳимоя дар сайти ТНУ, сайти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чоп кардани автореферат ба миқдори 100 адад иҷозат дода шавад.

Қарор ба овоз монда мешавад: тарафдор - 14, зид-нест, бетараф-нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа, профессор Ахмадов С.

Котиби Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа, дотсент Муминов А.И.